ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионии 6D. КОА-21 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзад ва доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 05.01.2023, №30

Барои сазовор донистани Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи «Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои "Тоҷикистон"» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ рӯзи 20.10.2022 (қарори №23) аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D. КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20-уми октябри соли 1989 дар ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд ба дунё омадааст. Солҳои 2006-2011 дар факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, солҳои 2015-2018 аспиранти кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд.

Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна аз соли 2011 фаъолияти кориашро дар вазифаҳои гуногуни муассисаҳои давлатӣ оғоз намуда, айни ҳол ба ҳайси сармутахассиси Маркази рушди омӯзгори Раёсати рушди кадрии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" фаъолият мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илми филология, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна мебошад.

Муқарризони расмӣ:

Султон Ҳасан Баротзода – доктори илми филология, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ;

Насруллоев Муҳаммад Нуриллоевич – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсент Сайфуллоева З.А., номзади илми филология, муаллими калони кафедраи мазкур Амлоев А.Я., котиби илмии ҷаласа номзади илми филология, дотсенти кафедраи мазкур Рачабова Р.Р. ва бо имзову муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои

иқтисодӣ, профессор Файзулло Машраб Қурбоналӣ тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи «Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои "Тоҷикистон"» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ бо назардошти муқаррароти бандҳои 31-33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз ин 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар маҷмуаҳои илмии дигар ба нашр расидаанд.

I. Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и Вазорати мактабҳои олӣ ва илми ФР:

[1-М]. Мансурова, М. А. Мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» /М.А. Мансурова //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/3 (203). – С. 285-288.

[2-М]. Мансурова, М. А. Рушди барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ дар давраи Истиқлолият /М.А. Мансурова //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/3. – С. 288-290.

[3-М]. Мансурова, М. А. Ифодаҳои маҷозӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»/М.А. Мансурова //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 5. – С. 279-282.

[4-М]. Мансурова, М. А. Мавқеи баъзе пешвандҳои калимасоз дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» /М. А. Мансурова //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 8. – С. 289-292.

II. Маҷалла ва маҷмуаҳои дигари илмӣ:

[5-М]. Мансурова, М. А. Мавқеи калимаҳои аслӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» /М.А. Мансурова //Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов (22-23 октябри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 352-358.

[6-М]. Мансурова, М.А. Мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» /М.А. Мансурова

//Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов (22-23 октябри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 392-403.

[7-М]. Мансурова, М.А. Баъзе мулоҳизаҳо доир ба хусусиятҳои савтии барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» /М.А. Мансурова, М. М. Мирзоева //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои илм ва таҳсилоти журналистӣ дар шароити ташаккули рӯзноманигории чандрасонаӣ» бахшида ба 80-солагии профессор Абдусаттор Нуралиев (21 октябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 96-112.

[8-М]. Мансурова, М.А. Хусусиятҳои услубии муродифоти луғавӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» / М.А. Мансурова // Маводи конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷик дар замони истиқлол: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба 85-солагии профессор Ҳомид Маҷидов (15 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 287-293.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:

1. Дар тақризи ба автореферати диссертатсия навиштаи дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Бобомуродова Маҳбуба чунин эродҳо зикр шудаанд:

- агар маводи амалии рисола ба ду гурӯҳ: а) сухани тасвирии журналист ва б) сухани ҳамсуҳбат ҷудо карда мешуд, муайян намудани вижагиҳои забонии онҳо мушаххасан сурат мегирифт.
- дар замони имрӯза агар маводи амалӣ дар шакли нақшаву диаграммаҳои муосир пешниҳод мегардид, ҳусни кор меафзуд.
- дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ (10) ва аломати китобат (17) ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳоро ҳангоми омода намудани диссертатсия дар шакли монография ба чоп салоҳ медонем.

2. Тақризи ба автореферат навиштаи доктори илми филология, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов Шафоатов Азал Нусратович мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

- дар муқаддимаи автореферат тавсифи умумии кор ниҳоят мухтасар оварда шудааст, ки он ба бозбинӣ ниёз дорад.
- дар боби сеюми диссертатсия мебоист аз ҷониби муҳаққиқ калимаҳои муқобилмаъно ба ду гурӯҳ ҷудо мешуд: мутазоди луғавӣ ва матнӣ ва онҳо бо овардани далелҳо шарҳ дода мешуд.
- дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоиву грамматикӣ ва услубӣ ба назар мерасад: саҳифаҳои 1, 5, 16, 23 ва г.

3. Дар тақризи ба автореферати диссертатсия навиштаи номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Нуралӣ чунин эродҳо қайд шудаанд:

- бандубасти бархе аз ҷумлаҳо аз ҷиҳати услубу мантиқ таҳрирталаб мебошад: Соҳибистеъдоди воқеӣ нисбат ба худ серталаб аст ва дар навбати аввал тарбияи ӯ меистад (с. 25). Агар ин ҷумла дар шакли зайл бандубаст

мешуд, хубтар мебуд: Соҳибистеъдоди воқеӣ бояд нисбат ба худ серталаб бошад ва дар баробари ин тарбияи хуб доштани ӯст.
- баъзе калимаҳо шакли шикастаи ҷамъбандӣ доранд ва дубора ҷамъбандӣ шудаанд: бар тибқи ин ривоётҳо... (саҳ.14). Вожаи **ривоёт** шакли ҷамъи ривоят аст, бинобар ин ҳоҷати ҷамъбандии дуюмбораи он нест.
- дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, техникӣ ба мушоҳида расид: саҳ. 4,6,7,8,9,10,12,13,14,15,17,20,24.

Муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ чунин масъалаҳоро муқаррар намудааст:

1. Таърихи ташаккули барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон», давраҳои ташаккули он; нақши он дар инъикоси масъалаҳои худогоҳиву худшиносии миллӣ, тарбияи фарҳангӣ, тарғиби идеяҳои ватандӯстӣ, тарғиби ҳунару фарҳанг, омӯзиши забони миллӣ таҳқиқ карда шуданд.
2. Хусусиятҳои савтии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон», нақши падидаҳои овозӣ дар матни барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ, ҳамнишинии фонемаҳо дар калима, мавқеи зада дар талаффузи калимаҳо, фонемаҳо дар ҷараёни гуфтор, нақши оҳанги гуфтор дар барномаҳо муайян гардиданд.
3. Нақши воҳидҳои луғавӣ дар ташаккули матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон», мавқеи калимаҳои аслӣ, иқтибосӣ, умумиистеъмол, адабии китобӣ ва таърихӣ дар он ошкор карда шуданд.
4. Мавқеи воҳидҳои фразеологӣ ва ифодаҳои маҷозӣ ҳамчун воситаҳои муассири забон дар матни барномаҳо исбот ва нуқсони истифодаи ин воҳидҳои забон дар барномаҳо нишон дода шуданд.
5. Нақши категорияҳои семантикӣ – калимаҳои сермаъно, антонимҳо ва синонимҳо дар таҳия ва ғановати муҳтавои матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» дар заминаи маводи амалӣ муайян гардиданд.
6. Риояи меъёри забони адабӣ дар матни барномаҳо дар интихоби воҳидҳои забон мавриди баррасӣ қарор гирифта, бурду бохти радио дар ин самт қайд гардиданд.

Асосҳои назариявии таҳқиқ. Дар ҷараёни таълифи рисола ба нуқтаи назари забоншиносони хориҷию ватанӣ В.В. Виноградов, Л.С. Пейсиков, Ю.А. Рубинчик, Г.С. Голева, С.В. Хушенова, Т.Г. Добросклонская, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, М.Шукуров, М.Муҳаммадиев, Ҳ.Маҷидов, Б. Камолиддинов, Т.Н. Хаскашев, С. Хоҷазод, М.М. Мирзоева, М.Р. Ҷӯраева, М.О. Ҷумъаев, Ҳ.О. Сафаров, О. Матхолов ва як қатор олимони дигар такя намуда, хусусиятҳои овоӣ, луғавию маъноӣ ва фразеологии матнҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон" мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Инчунин ҳангоми таҳлили мисолҳо ба «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони адабии ҳозираи тоҷик»-и М.Фозилов [1963-1964], «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [1969], «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [2008], «Лексико-фразеологический словарь русского

языка»-и А.В. Жуков [2003], «Луғати истилоҳоти хорӣ» [1955], «Луғати истилоҳоти хорӣии мактабӣ (А-Я)»-и В.А. Одинсов [1983] мурочиат карда шуд.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки натиҷаҳои аз диссертатсия бадастомада то андозае ҷанбаҳои назарии забони ВАО-ро пур карда, дар пайдо кардани маълумоти назариву амалӣ роҷеъ ба таърихи ташаккул, забон ва услуби барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» ва амсоли ин ба муҳаққиқони ҷавон ёрмандӣ хоҳад кард. Ин таҳқиқот дар оянда метавонад, ҳамчун рисолаи бунёдӣ барои корҳои илмии ба забони ВАО бахшидашуда хизмат намояд.

Арзиши амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он дар таълими курсу семинарҳои махсус, корҳои амалӣ аз фанҳои медиалингвистика, лексикология, фразеология ва услубшиносӣ, таълифи дастури таълимӣ доир ба забони ВАО, тарбияи журналистони ҷавон, хоса ровиёни барномаҳои радиову телевизион, навиштани корҳои курсиву дипломӣ ва рисолаҳои хатм мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин чун мактаби маҳорати эҷодӣ барои журналистони ҷавон хоҳад буд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Масъалаҳои асосии дар диссертатсия таҳқиқшаванда аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ шуда, муаллифи он хусусиятҳои овоӣ, луғавӣ ва фразеологии барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»-ро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф натиҷаи асосии таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии бВ.КОА-21-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 05 январи соли 2023 дар бораи ба Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 2022, №210/шд ба ҳайати шуро ворид шудаанд, 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор - 13 нафар, мукобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҳоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷӯраева М.

05.01.2023